Асосноккунии
лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон
«Дар бораи дору, молҳои тиббӣ ва фаъолияти фарматсевтӣ»

Зарурияти таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дору, молҳои тиббӣ ва фаъолияти фарматсевтӣ» аз банди 14 Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар мулоқот бо кормандони соҳаи тандурустӣ 18 авусти соли 2020 баён доштанд, бармеояд.

Тибқи банди 14 Нақшаи чорабиниҳои номбаршуда вазоратҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, адлия, молия, рушди иқтисод ва савдо ва Маркази миллии қонунгузорӣ вазифадор карда шудаанд, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маводи доруворӣ ва фаъолияти фарматсевтӣ»-ро дар таҳрири нав таҳия ва пешниҳод намоянд. Бо ин мақсад аз ҷониби вазорат бо ҷалби мутахассисони варзида ва коршиносони соҳа гурӯҳи корӣ таъсис дода шуда, аз ҷониби онҳо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дору, молҳои тиббӣ ва фаъолияти фарматсевтӣ» таҳия карда шуд.

Лоиҳаи қонуни номбаршуда аз 10 боб ва 50 модда иборат мебошад.

Мақсади асосии таҳияи лоиҳаи қонуни мазкур ин такмили заминаи мавҷудбудаи қонунгузорӣ дар соҳаи муомилоти дору, молҳои тиббӣ, воситаҳои парафарматсевтӣ ва фаъолияти фарматсевтӣ иборат буда, он ба беҳтар намудани татбиқи ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон ва таъмини онҳо ба доруҳо ва молҳои тиббӣ равона карда шудааст.

Қобили қайд аст, ки дар тамоми матни лоиҳаи қонуни таҳиягардида нисбат ба матни Қонуни амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маводи доруворӣ ва фаъолияти фарматсевтӣ” калимаи “доруворӣ” ба калимаи “дору” иваз карда шудааст. Қайд кардан бамаврид аст, ки вожаҳои «доруворӣ» ва «дорувор»-ро гурӯҳи корӣ дар фарҳангҳо пайдо карда натавонистанд. Танҳо дар як китоб – «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» (Душанбе, 2008) онҳо ба маънии «дорую даво, ҳар навъ даво, чизҳои хӯшбӯи тез, аз қабили қаланфур, мурч, зира ва ғ. омадаанд. Дар ин китоб «доруворӣ» ба маънии «дармонбахш» қайд карда шудааст.

Китобҳое, ки гурӯҳи корӣ  ба онҳо рӯ овардаанд, инҳо мебошанд: Ғиёсу-л-луғот»-и Муҳаммад Ғиёсуддин (дар ду ҷилд), «Бурҳони қотеъ»-и Муҳаммадҳусайни Бурҳон (дар се ҷилд), «Чароғи ҳидоят»-и Сироҷуддини Алихони Орзу, «Тибби Юсуфӣ»-и Юсуф ибни Муҳаммад ибни Юсуфи Хиравӣ, «Донишнома»-и Ҳаким Майсарӣ, «Қонуни тиб»-и Ибни Сино (дар шаш ҷилд), «Китобу-с-сайдана фӣ-т-тиб»-и Абурайҳони

Берунӣ, «Захираи Хоразмшоҳӣ»-и Исмоили Ҷурҷонӣ (соли 2002), «Хазинаи тибби қадим»-и Ҳ. Зоҳидов, «Фарҳанги ашъори Рӯдакӣ» (Амон Нуров), «Фарҳанги осори Ҷомӣ» (дар ду ҷилд, Амон Нуров), «Фарҳанги ашъори Камоли Хуҷандӣ», «Ҳаким Рӯдакӣ» (М. Ҳоҷиматов), «Фарҳанги Маснавии Маънавӣ» (Рашиди Қодириён), «Ҳикмати асрҳо» (В.А. Капранов, Раҳим Ҳошим) ва дар ҳамаи онҳокалимаи доруворӣ мавҷуд набуда, танҳо калимаи дору мавриди истифода қарор дода шудааст.

Дар тамоми матни лоиҳаи қонуни мазкур мафҳумҳои мавҷуда дар доираи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” истифода бурда шудаанд. Ба ғайр аз ин, як қатор мафҳумҳое, ки пештар дар қонуни амалкунанда мавҷуд набуданд, ба монанди: амалияҳои муносиби фарматсевтӣ, истеҳсоли шартномавии дору ва молҳои тиббӣ, маводи фармакологӣ, воситаҳои парафарматсевтӣ, моддаҳои ёрирасон, назорати фармакологӣ, номҳои байналмиллалии патентнашуда, субъектҳои фаъолияти фарматсевтӣ, фуруши чакана ва яклухти молҳои тиббӣ ва ғайраҳо ба лоиҳаи қонуни таҳиягардида ворид карда шуданд. Ба ғайр аз ин, 12 моддаи дигар ба лоиҳаи қонуни пешниҳодгардида илова карда шудаанд, ки онҳо ба рушди ҳамкориҳои байниидоравӣ ва байналмиллалӣ, рушди истеҳсоли доруҳо ва молҳои тиббии ватанӣ, беҳтар намудани назорати сифат ва гузаронидани экпертизаи дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои парафарматсевтӣ, экспертизаи этикӣ, назорати фармакологӣ ва таъмини аҳолӣ бо дастрасии доруҳои судманд ва бехатар , мушаххас намудани раванди фурӯши яклухту чакана, бақайдгирӣ ва гузаронидани озмоишҳои клиникӣ ва эквиваленти биологии доруҳо, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои субъектҳои фаъолияти фарматсевтӣ ва таҳияи дору ва молҳои тиббӣ, васл, таъмир хизматрасониҳои техникӣ ва метрологии молҳои тиббӣ, ҷуброни зарари ба солимии инсон дар натиҷаи истеъмоли дору, молҳои тиббӣ ва воситаҳои фарматсевтӣ расонидашуда аз ҷониби субъектҳои фаъолияти фарматсевтӣ, равона карда шудаанд.

Ҳамзамон аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи талаботи бандҳои 13, 14 ва 15 «Тартиби гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва лоиҳаҳои онҳо, арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионии лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дору, молҳои тиббӣ ва фаъолияти фарматсевтӣ» гузаронида шуда, муайян гардид, ки дар лоиҳаи мазкур

омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» пешбинӣ шудаанд, дида намешаванд.

Лоиҳаи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дору, молҳои тиббӣ ва фаъолияти фарматсевтӣ» бо вазоратҳои адлия, молия, рушди иқтисод ва савдо, саноат ва технологияҳои навин, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда шудааст. Аз ҷониби Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд карда шуд,ки лоиҳаи мазкур тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» фарогири таҳлили таъсири танзимкунӣ мебошад. Бо назардошти талаботи моддаи 37 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва боназардошти он,ки дар лоиҳаи қонуни пешниҳодгардида, беэътибор донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи доруворӣ ва фаъолияти фармасевтӣ» -ро дар бар мегирад, хоҳишмандем лоиҳаи қонуни мазкур дастгирӣ карда шавад.

Лоиҳаи мазкур ба маблағгузории иловагӣ аз буҷети давлатӣ ниёз надорад.

Аз ин лиҳоз, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи дору, молҳои тиббӣ ва фаъолияти фарматсевтӣ» барои баррасӣ пешниҳод менамоем ва эҳтиромона хоҳиш менамоем,ки барои қабули он мусоидат намоед.

Вазир Ҷ. Абдуллозода